ПРОТОКОЛИ № 25

ҷаласаи Шурои диссертатсионии **6D.KOA-039**

аз «29» июли соли 2026

Дар ҷаласа иштирок доштанд:

аз 11 нафар аъзои шуро 8 нафар

Раиси Шуро: Амирбеков М.

Дар ҷаласаи имрӯза аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 майи соли 2023, №135/шд, тасдиқ шудааст, 8 нафар иштирок доштанд.

Оид ба кори ҷаласаи шурои диссертатсионӣ чӣ пешниҳодҳо доред? Пешниҳод гардид, ки кори шуро оғоз карда шавад. Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ба экспертизаи аввалия қабул намудани диссертатсияи Абдураҳимов Саъди Давлаталиевич дар мавзӯи: «Тарҳрезии усулҳои муолиҷа ва пешгирии пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор дар Тоҷикистони Ҷанубӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯи ихтисоси 4.3.6. Паразитология.

Баромад намуданд: раиси шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои ветеринарӣ Амирбегов М., котиби илмии шуро, номзади илмҳои ветеринарӣ Ҳасанов Ф.Д. ва аъзои шурои диссертатсионӣ доктори илмҳои ветеринарӣ Розиқов Ш.Ш., доктори илмҳои биологӣ Турдиев Ш.А., номзади илмҳои биологӣ Курчиев М.Ю., номзади илмҳои ветеринарӣ Атовуллозода Р.А.

ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи Абдураҳимов Саъди Давлаталиевич дар мавзӯи: «Тарҳрезии усулҳои муолиҷа ва пешгирии пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор дар Тоҷикистони Ҷанубӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯи ихтисоси 4.3.6. Паразитология ба экспертизаи аввалия қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ дар хайати зерин тасдиқ карда шавад:

- номзади илмҳои биологӣ Курчиев М.Ю.
- номзади илмҳои ветеринарӣ Иброҳимзода Б.И.
- номзади илмҳои ветеринарӣ Зуҳуров А.Н.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор - 8 нафар, мукобил - нест, бетараф - нест. **Якдилона ҷонибдорӣ гардид.**

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои ветеринарӣ Амирбеков М.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои ветеринарӣ Ҳасанов Ф.Д.